Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Шоҳони хуб ва шоҳони бад

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Барои Менашше рӯзи ғаму андӯҳ омад. Падари вай шоҳ Ҳизқиё навакак вафот кард. Акнун Менашше, ки ҳамагӣ дувоздаҳ сол дошт, бар тамоми халқи Худо дар Яҳудо шоҳи нав шуд. Он вақт Менашше намедонист, вале ӯ 55 сол подшоҳ хоҳад буд. Барои шоҳи хуб будан, Менашше ба ёрии Худо мӯҳтоҷ буд.



Аммо Менашше ба Худо аҳамият надода, корҳои бад кард. Ӯ барои ибодати бутҳо қурбонгоҳҳоро аз нав сохт. Вай ҳатто ҳайкали кандакорӣ сохта, онро дар маъбади муқаддаси Худо гузошт. Худо ба воситаи Мусо гуфта буд, ки “Ягон ҳайкал насоз. Ба онҳо саҷда набар ва хизмат накун”.



Менашше ба ҷодугарию фолбинӣ машғул мешуд ва одамонро аз Худо дур месохт.  Вай ҳатто писаронашро ҳамчун қурбонӣ ба бутҳо дар оташ сӯзонда буд. Беитоатии Менашше, Худоро сахт ба ғазаб овард.



Вақте ки халқи Ӯ беитоатӣ мекунанд, Худо иҷозат медиҳад, ки онҳо ҷазо дода шаванд. Бо Менашше ва халқе ки вай онҳоро роҳбарӣ мекард, ҳамин тавр шуд. Худованд ба сари онҳо лашкари Ашшурро овард. Менашшеро занҷирбанд карда ба Бобил бурданд.



Менашше дар Бобил азоб кашида, Худованд Худои худро зорӣ кард. Вай дар назди Худои аҷдодонаш сахт хоксор шуда, ба Ӯ дуо кард. Дигар ба бутҳои мурда дуо кардан даркор нест! Аммо оё Худои зинда, баъди ин ҳама бадкориҳои Менашше, ба ӯ ҷавоб медиҳад?



Бале, Худо дуои шоҳро шунид ва ӯро ба Уршалим, ба тахт баргардонд ва боз бар халқ шоҳ гузошт. Баъд Менашше фаҳмид, ки Худованд, Худо аст.



Шоҳ Менашше одами нав шуда буд.
Ӯ ҳайкалро аз маъбади Худо берун кард ва тамоми худоёни бегонаро дар Уршалим ҷамъ намуда, бурда партофт. Инчунин қурбонгоҳи Худовандро таъмир намуд ва қурбониҳои шукрона овард. Сипас вай ба мардум фармон дод, ки ба Худованд Худои Исроил хизмат кунанд. Менашше чӣ қадар дигар шуда буд!



Вақте ки Менашше вафот кард, писари вай Омун ба ибодати бутҳо баргашт. Аммо вай ба монанди падараш дар назди Худо хоксор нашуд. Азбаски Омун торафт бештар гуноҳ мекард, дар охир хизматгоронаш вайро дар хонааш куштанд. Вай танҳо ду сол подшоҳӣ кард.



Шоҳи навбатӣ Юшиё ҳамагӣ ҳашт сол дошт.  Ӯ 31 сол подшоҳӣ карда, он чӣ ки дар назари Худо дуруст буд, анҷом дод.  Юшиё ҷойҳои ибодати дурӯғин ва худоёни дурӯғинро вайрон намуд.  Дар ҳақиқат ӯ тамоми бутҳоро шикаста гард-гард кард.



Шоҳи хуб Юшиё, низ маъбади Худоро пок намуда, таъмир кард.  Рӯзе коҳине дар байни кӯҳна-колаҳо китоби Қонунҳои Худовандро ёфт, ки ба воситаи Мусо дода шуда буд.



Вақте ки шоҳ навиштаҳои Қонунро шунид, аз ғаму андӯҳ либоси танашро пора кард.  Юшиё фаҳмид, ки гузаштагонаш дар беитоатӣ ба қонуни Худо чӣ қадар сахт бадкирдор будаанд.



Пайғамбарзане бо номи Ҳулдо, паёми Худоро ба Юшиё расонд: “Ман Худованд мегӯям, ки акнун тамоми лаънатҳое ки дар ин китоб навишта шудааст, ба ин макон меорам, зеро онҳо Маро рад карданд”.  Азбаски Юшиё хоксору итоаткор буд, ин дар вақти зинда будани вай рӯй намедиҳад.



Худо ба Юшиё ёрӣ дод, то вай мардумро ба назди Худованд баргардонад.  Рӯзе вақте ки Юшиё лашкарашро дар ҷанг роҳбарӣ мекард, аз дасти як тирандози душман сахт захмин шуд. Ҷанговаронаш вайро бо ароба ба хона, ба Уршалим оварданд ва ӯ дар он ҷо вафот кард.  Тамоми мардум мотам гирифта, дар бораи шоҳи хуб, Юшиё сурудҳо навиштанд.





Дере нагузашта подшоҳӣ ба охир расид. Аммо рӯзе бар Исроил боз шоҳе ҳукмронӣ хоҳад кард. Номи Ӯ ШОҲИ ШОҲОН ВА ХУДОВАНДИ ХУДОВАНДОН аст.

Вақте ки Исои Масеҳ бори аввал омад, Ӯро рад карда, мехкӯб намуданд. Вақте ки Ӯ бори дигар меояд, на танҳо бар Исроил, балки бар тамоми замин подшоҳ мешавад.

# Шоҳони хуб ва шоҳони бад

Ҳикоя аз Каломи Худо

Солномаи 2-юм, 33-36

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

Хотима

23

60

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16